«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия

___________ П.А. Насуриён
«28» ___01.___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу пажуҳиши илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст ва яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявиро дар бар гирифта, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «25» сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқ:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, яъне масъалаҳои таърихии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки институти ҳимояи судӣ яке аз ҷузъҳои асосии низоми кафолатҳои конститутсионӣ дар самти амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Таъмини риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд танҳо дар шароите муяссар аст, ки дар он волоияти қонун воқеан татбиқ мегардад ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии муосир асос ёфта бошад. Давлат натанҳо уҳдадор аст ҳуқуқи ҳар як шахсро барои мурожиат ба суд бо мақсади ҳимояи манфиатҳои қонунии худ расман эълон кунад, балки кафили воқеии таъмини амалии ин ҳуқуқ мебошад. Ҳокимияти судӣ дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва таъмини адолати

судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд.

Ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс тавассути суд ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии ҳуқуқии амалӣ эътироф мегардад. Он барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда, татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ нисбат ба ашхос ё сохторҳоеро, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон таҷовуз мекунанд ё таҳдид менамоянд, дар бар мегирад.

Ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби суд танҳо бо роҳи институтсионализатсияи мустақилияти судӣ ва мустақилияти воқеии судяҳо имконпазир аст. Дар давлати ҳуқуқбунёд, мустақилияти судӣ имтиёзи шахсӣ нест, балки шарти пешакии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Мустақилияти судӣ шарти асосии фаъолияти низоми судӣ ҳисобида мешавад, ки барои таъмини адолати беғаразона ва ҳифзи ҳадди аксар ҳуқуқ ва озодиҳои шахс пешбинӣ шудааст. Меъёри муайянкунандаи мустақилияти судӣ қобилияти он барои ҳифзи самараноки озодии шахсии шаҳрванд ва ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои онҳо мебошад. Аммо, бояд қайд кард, ки мавқеи суд дар ҷомеаи муосир ба таври гуногун арзёбӣ мешавад, ки ҳам қувват ва ҳам заъфҳои онро инъикос мекунад. Албатта, ин вазъият таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки дар он ба таърихи ташаккули низомҳои гуногуни судӣ дар давраи рушди давлат аҳаммияти калон дорад. Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва таъмини самараноки онҳоро дар шароити муосир нишон медиҳанд.

Ҷиҳати дарки масъалаи зикргардида зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз нуқтаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ ба миён омад. Омӯзиши илмӣ дар ин самт имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъмини масъалаи мазкур дар Тоҷикистон муайян гардида, ҷанбаҳои мусбати он мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гиранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини бо сифати ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва фаъолияти бо самари ҳокимияти судӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Ақидаи зикршуда моҳияти расмии худро аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар низ пайдо кардааст. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад».

Ба андешаи муаллиф ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути мақомоти судӣ яке аз унсурҳои марказӣ ва ҷудонопазири механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз, суд ҳамчун муассисаи калидии давлатдории ҳуқуқбунёд шароити амалии баркарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи шахсро фароҳам меорад. Кафолати ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, аз ҷумла, имкони шикоят кардан аз қарорҳо, амал ва беамалии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, яке аз кафолатҳои бунёдии ҳуқуқии инсон ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводди амалияи судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки дар доираи пажуҳиши гузаронидашуда мафҳум ва моҳияти таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз ҷониби мақомоти судӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил карор дода, онро дар қонунгузории миллӣ ва муқоиса бо қонунгузории хориҷӣ таҳлил намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки унвонҷӯ дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба накши ҳимояи судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон, мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла: а) дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот, аз ҷониби муаллиф маҳфумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин тавсифи моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳқиқ карда шудааст; б) дар доираи асосҳои таърихӣ, аз ҷониби муаллиф раванди таҳаввулоти ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ дар доираи се марҳилаи давлатдории тоҷикон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои мусбат ва камбудиҳо дар ҳар як марҳилаи зикршуда муайян карда шудааст; в) дар асоси истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавии қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт гузаронида шудааст; г) дар доираи омӯзиши қонунгузории ватанӣ дар самти таҳқиқшаванда кафолатҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда шудаанд; д) дурнамои рушд ва таҳлили ҳамаҷонибаи тадбирҳо оид ба дигаргунсозии низоми судӣ ва тақвияти самаранокии он дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф дар пажуҳиши илмии худ мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ин мақомот ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти судӣ ва шахсонро пешниҳод намудааст. Фикри мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асоснокшуда дар рисолаи муаллиф пешниҳодгардида, навоварии илмии таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Хулоса муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омӯзиши ҳамаҷониба ва маҷмуии масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти судӣ, ки ба он мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда, муайян намудани мафҳумҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти он, таҳлили таърихии масъала бо мақсади муайян намудани раванди ба он алоқаманд, инчунин омӯзиши муқоисавии қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои якхела ва фарққунанда, ки барои татбиқ намудан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии масъалаи нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи илмии кишвар ба таври зарурӣ баррасӣ карда нашудааст. Дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти алоҳида оид ба муайян намудани моҳияти ин падидаи мураккаб вуҷуд дорад, аммо ба таври комплексӣ масъалаи мазкур омӯхта нашудааст. Бинобар ин, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини он ҳамчун падидаи мураккаб ва муҳимми илмӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-таърихӣ эҳтиёҷ дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар илми муосир мавзуи баҳсталаб буда, бахусус дар шароити кунунии ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд омӯзишу таҳлил ва таҳкими ҷиддиро талаб менамояд. Ба андешаи муаллиф, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон

ва шаҳрванд, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст ба фаъолияти муназами мақомоти судӣ алоқаманд мебошад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур ба он асоснок карда машавад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти марҳилаҳои таърихӣ, рушди он дар заминаи муосири ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Пажуҳиши мукаммали мақоми ҳуқуқии конститутсионӣ, салоҳият, шаклҳои ташкилӣ ва принсипҳои фаъолияти он, инчунин омилҳое, ки алоқамандии ҳокимияти судиро бо дигар шохаҳои ҳокимият муайян менамоянд, имкон фароҳам меорад, ки сабабҳои объективӣ ва субъективии паст будани самаранокии фаъолияти судӣ амиқан муайян карда шавад. Таҳқиқоти мазкур бошад, метавонад заминаҳои илмии асоснокро бахри ҳалли мушкилоти ҷойдошта, инчунин такмили низоми судӣ ва таҳкими самаранокии он дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи мафҳум ва моҳияти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муаллиф хулосаҳои зеринро пешниҳод кардааст:

– аз рӯи мазмун, институти ҳимояи ҳуқуқи инсон фарогирандаи унсурҳои гуногуни ташкилӣ, танзимнамоӣ, коммуникатсионӣ, ахлоқӣ буда, аз нигоҳи функсионалӣ ва моҳияти табиии худ бахри татбиқи раванди воқеии таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Бо ин назардошт, институти ҳимояи ҳуқуқи инсон институти мукаммал буда, дар худ тамоми маҷмӯи меъёрҳои инфиродӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқиро бахри таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷой додааст. Бо дарназардошти ин, категорияҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғ., ки дар илм ва амалияи қонунгузорӣ мавҷуданд, мафҳумҳое мебошанд, ки қисман ҳамдигарро такрор, муттаҳид ва пурра менамоянд. Ҳолати мазкур ифодакунандаи он мебошад, ки ҳамаи онҳо аз нигоҳи хусусиятҳои ба табиаташон мутааллиқбуда, ифодакунандаи як падида – институти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошанд;

– фаҳмиши категорияи «ҳимояи ҳуқуқи инсон» на танҳо ошкор кардани хусусиятҳои пурмазмуни онро талаб мекунад, балки ҷудоии возеҳи методологиро аз мафҳумҳои ҳуқуқии ҳамҷавор, аз ҷумла аз истилоҳи «ҳифзи ҳуқуқи инсон» талаб мекунад. Гарчанде ки ҳардуи ин падидаҳо ба таъмини татбиқи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс нигаронида шудаанд ва аксар вақт механизмҳои шабеҳи ҳуқуқӣ ва ташкилиро истифода мебаранд, байни онҳо дар табиати ҳуқуқӣ ва мазмун фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия:** Натиҷаҳои диссертатсия дар ин мавзуъ аҳамияти баланди илмӣ доранд, зеро таҳқиқоти таърихӣ ва назариявӣ дар бораи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон кам таҳлил шудааст. Диссертатсия бо пурра кардани холигиҳо дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавӣ, муайян кардани марҳилаҳои таърихии ташаккули институти ҳимояи судӣ, таҳлили амиқи принсипҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи миллии Тоҷикистон дар маҷмуъ ба рушди илми ҳуқуқ мусоидат мекунад. Натиҷаҳо барои ташаккули мактаби илмии ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон дар фазои ҳуқуқии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам мегузоранд ва метавонанд ҳамчун асос барои корҳои минбаъдаи илмӣ – аз ҷумла монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва барномаҳои таълимӣ хизмат кунанд.

**Аҳаммияти илмӣ.** Таҳқиқоти Раҳимзода Сафар Орзу дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ навоварӣ дорад, зеро ин аввалин таҳқиқоти комплексии назариявӣ-ҳуқуқӣ дар бораи механизми давлатии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон аст. Муаллиф ҳокимияти судиро ҳамчун унсури марказии ҳимояи ҳуқуқҳо таҳлил карда, хусусиятҳои институтсионалӣ, ташкилӣ-функсионалӣ ва сохтории онро ошкор менамояд. Масалан, дар диссертатсия ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ҳамчун низоми мураккаб, ки механизмҳои ҳуқуқӣ, хусусӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-институтсионалиро дар бар мегирад, муайян шудааст. Ин навоварӣ дар он аст, ки қаблан дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик бештар ба ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ диққат дода мешуд, на ба нақши онҳо дар ҳифзи ҳуқуқҳо.

**Аҳаммияти амалӣ.** Аз ҷиҳати амалӣ натиҷаҳои тадқиқот барои такмили низоми ҳимояи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиманд. Таҳқиқот бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар кардани дастрасии шаҳрвандон ба адолати судӣ, таъмини мустақилияти судҳо, кам кардани монеаҳо ва такмили тартиби муроҷиат ба судҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти судӣ, прокуратура ва адвокатура кӯмак мерасонад. Ин тавсияҳо метавонанд дар тағйироти қонунгузорӣ, омӯзиши ҳайати судяҳо ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд. Дар натиҷа, самаранокии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс баланд шуда, сатҳи эътимоднокии шаҳрвандон ба низоми судӣ афзоиш меёбад.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аз нуқтаи назари иқтисодӣ аҳаммияти натиҷаҳо дар он аст, ки ҳимояи судии муассир ҳуқуқҳои молию иқтисодӣ ва моликиятии шахсро мустаҳкам мекунад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқҳои моликиятӣ, шартномавӣ ва соҳибкорӣ ба беҳтар шудани фазои

сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Таҳқиқот бо пешниҳоди роҳҳои кам кардани коррупсия дар судҳо ва тезонидани мурофиаҳо хароҷоти иқтисодии шаҳрвандон ва соҳибкоронро барои ҳалли низоъҳо коҳиш медиҳад. Инчунин, ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба устувории иҷтимоӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат мусоидат карда, ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аз ҷиҳати иҷтимоӣ натиҷаҳои диссертатсия барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд. Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс арзиши олӣ эътироф шудааст. Таҳқиқот бо баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҳуқуқии аҳолӣ, таъмини баробарӣ дар назди суд ва ҳимояи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазир (занон, кӯдакон, маъюбон, муҳоҷирон) ба мустаҳкам шудани адолати иҷтимоӣ кӯмак мерасонад. Ин раванд ба коҳиш ёфтани низоъҳои иҷтимоӣ, афзоиши ҳисси шаҳрвандӣ ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон оварда мерасонад. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо ба татбиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2018-2028 ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 мусоидат карда, ба рушди устувори иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ замина мегузорад.

Ба ин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия на танҳо дар доираи илми ҳуқуқ, балки дар сатҳи амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои пешрафти давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур бо истифода аз маҷмӯи усулҳои илмӣ-методологӣ, манбаъҳои боэътимод ва таҳлили ҳамаҷонибаи маводи амалӣ анҷом дода шудааст. Методологияи таҳқиқот комилан илмӣ буда, усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Усули таърихӣ имкон додааст, ки марҳилаҳои ташаккули институти ҳимояи судӣ дар Тоҷикистон ва дар мамлакатҳои пешрафта бо далелҳои мушаххас таҳлил карда шавад. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои муайян кардани фарқиятҳо ва монандиҳои байни низомҳои ҳимояи судӣ дар фазои постсоветӣ ва стандартҳои байналмилалӣ асос гузошт. Таҳлили системавӣ ба муайян кардани робитаҳои байни ҳимояи судӣ ва дигар унсурҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуд. Ин усулҳо якҷоя дурустии хулосаҳоро таъмин карда, имкон доданд, ки натиҷаҳо аз ҳар гуна тасодуф ва субъективизм озод бошанд.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва

кишварҳои хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳокимияти судӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амику дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории низоми судии кишвар таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муҳақиқ Раҳимзода Сафар Орзу дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст.

Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар навовариҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаронихо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян мегарданд. Илова бар ин, тарзи ифоданамоӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилот дар раванди таҳқиқ ва услуби навишти рисола, саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ менамоянд. Инчунин, пажуҳишгар тавассути мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон пешниҳодҳо манзур намудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Сафар Орзу дар 13 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба масъалаҳои мубрам ва паҳлуҳои гуногуни «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд ва 8 мақола дар дигар маҷалаҳои илмии эълоншуда. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**


[1-М]. Шарифзода, С.Ш., Раҳимов, С.О. Воситаҳои асосии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: паҳлуҳои умумии назариявӣ [Матн] / С.Ш. Шарифзода, С.О. Раҳимов // Бахши илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». – Душанбе. – 2025. – №1. – С. 39-50. ISSN 2307–5198

[2-М]. Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2025. – №1 (55). – С. 127-132; ISSN 2410-2903.

[3-М]. Раҳимов, С.О. Суд-кафолати асосии ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон дар Тоҷикистон [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №10. – С. 261-268; ISSN 2413–5151

[4-М]. Раҳимов, С.О. Механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон [Матн] / С.О. Раҳимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №3 (55). – С. 127-132; ISSN 2410-2903.

[5-М]. Раҳимов, С.О. «Авасто» – яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №4. – С. 261-268. ISSN 2413–5151.


**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**


[6-М]. Раҳимов, С.О. Таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». – Душанбе, 2024. – С. 517-521.

[7-М]. Раҳимов, С.О. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводди конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, (25-26 апрели 2024). – Душанбе, 2024. – С.509-510

[8-М]. Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умуммиллӣ: маводҳои конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (2 ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 681-685.

[9-М]. Раҳимов, С.О. Кафолати татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». – Душанбе, 2024. – С. 517-521.

[10-М]. Раҳимов, С.О. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 177-180.

[11-М]. Раҳимов, С.О. Ҳимояи судӣ-шакли махсуси мурофиа [Матн] / С.О. Раҳимов // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 205-210.

[12-М]. Раҳимов, С.О. Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Конференсияи умуми донишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «бист солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)» – Душанбе, 2024. – С. 214-216.

[13-М]. Раҳимов, С.О. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ Ининститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 30 – солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мавзуи «Масоили мубрами фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2025. – С. 477-479.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Дар муқаддимаи пажуҳиши диссертатсионӣ Раҳимзода Сафар Орзу аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, вазифаҳои таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас

нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре тахия шудааст, ки маҷмӯи масъалаҳои муҳим ва зарурироро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи номзадии Раҳимзода Сафар Орзу бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз муқаддама, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаро дарбар мегирад.

**Дар боби якум** – муаллиф ба масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар масири таърих, таърихи пайдоиш ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқи шахс ва ҳимояи судӣ намуди ҳимояи давлатӣ ва ҳуқуқӣ: хусусиятҳо, принсипҳо ва функсияҳои он таваҷҷӯҳ намудааст. Дар баробари баррасии мафҳум ва моҳияти ҳиимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муаллиф рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон, чун қоида, ба фаъолиятҳое дахл дорад, ки ба барқарор кардани ҳуқуқҳои аллакай вайроншуда, пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ва ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидан нигаронида шудаанд. Дар айни замон, ҳимояи ҳуқуқ ҳамчун механизми пешгирикунанда, ки ба пешгирии қонуншиканиҳои эҳтимолӣ равона шудааст, амал мекунад. Гузаронидани чунин тафриқа ҳам барои дарки назариявӣ-ҳуқуқии низоми танзими ҳуқуқӣ ва ҳам барои таъмини фаъолияти самараноки механизмҳои татбиқ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс аҳамияти муҳим дорад. Дар ин замина, ҳифз ва ҳимоя метавонад ҳамчун ҷанбаҳои гуногуни падидаи умумии ҳуқуқӣ - низоми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқи инсон баррасӣ карда шавад (с. 35).

Муаллиф дар таҳқиқот ба он далел ишора намудааст, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути мақомоти судӣ ҷузъи ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба шумор рафта, самти асосии амалӣ намудани адолати судӣ ва кафолати риояи ҳуқуқи бунёдӣ мебошад. Суд ҳамчун унсури марказии низоми ҳокимияти давлатӣ нақши калидиро дар барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, пешгирии худсарии мақомоти давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебозад. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки ҳуқуқи муроҷиат бо шикоят алайҳи амал ё беамалии ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳои расмиро дарбар мегирад, тибқи Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст (с. 49).

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон сохтори дохилии мураккаб доранд ва бо дарназардошти маҳакҳои гуногун метавонанд ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд. Аз ҷумла: аз рӯи субъектҳо – ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд; аз рӯи хусусият ва муҳтаво – ҳуқуқҳои шахсӣ,

сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; аз рӯи мустаҳкамсозии ҳуқуқӣ – асосӣ ва иловагӣ; аз рӯи маҳдудсозӣ – ҳуқуқҳои мутлақ ва нисбӣ (с. 60).

Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури калидии давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар Конститутсия ҳамчун ҳуқуқи мустақими ҳар шахс муқаррар шудааст. Он ҳамчун як механизми универсалӣ ва мурофиавӣ баҳри таъмин, ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда амал мекунад.

**Боби дуюм** – ба масъалаи рушди танзим ва кафолати татбиқи ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ бахшида шудааст. Дар доираи боби мазкур, Ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ як падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ буда, дорои хусусияти дуҷонибаи диалектикӣ аст, ки ҳам ҷониби объективӣ ва ҳам ҷониби субъективиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳокимияти судӣ меъёрҳои моддӣ ва мурофиавиро амалӣ намуда, ҳамчун кафили тартиботи ҳуқуқӣ баромад мекунад (с. 86).

Бояд тазаккур дод, ки тадқиқот дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд барои ҳимояи судӣ бояд ба таври идеалӣ ба дастгоҳи ягонаи мафҳум такя кунанд. Назарияи конститутсионии пешрафта имкон медиҳад, ки баъзе мухтасарии меъёрҳои конститутсионии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба ҳимояи судӣ ҷуброн кунад ва муайянкунии ҳуқуқии онҳоро таъмин кунад. Аммо имрӯз ҳуқуқи таҳқиқшаванда бо сабаби набудани муносибати ягона ба дарки ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ ва арзёбии мундариҷаи ин ҳуқуқ номуайян аст. Ягонагии фаҳмиши ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ метавонад пеш аз ҳама тавассути асосноккунии илмии равишҳои умумӣ ба асбобҳои категориявӣ, ташаккули стандартҳои ягона дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ таъмин карда шавад (с. 87).

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки мақсади аслии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар таъмини риоя ва татбиқи самараноку беғаразонаи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеа зоҳир мегардад. Ин вазифаи калидӣ ба самти устувории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими асосҳои адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст (с. 103).

Ҳамзамон муаллиф ишора менамояд, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан дар чаҳорчӯби мурофиаи конститутсионӣ, яке аз роҳҳои муассири таъмини кафолати ҳуқуқҳои асосии инсон маҳсуб меёбад. Суди конститутсионӣ ҳамчун кафили риоя ва татбиқи бевоситаи меъёрҳои Конститутсия фаъолият намуда, шароити

мусоид фароҳам меорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои субъективии инсон аз поймолшавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ эмин нигоҳ дошта шаванд.

Ҳимояи судии ҳуқуқ дар навбати худ, механизми ташкилии ҳуқуқиест, ки барои барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ва татбиқи озодиҳои инсон хизмат мекунад. Ин ҳимоя метавонад дар чорчӯби ҳама гуна мурофиаи судӣ – конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалӣ гардида, вазифаҳои асосии онро бартарафсозии монеаҳо ба татбиқи ҳуқуқ, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ва ҷуброни зарар ташкил медиҳанд (с. 110).

Механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар даврони муосир маҷмӯи мураккаби сохторӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ мебошад, ки ҳам василаҳои дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалиро дарбар мегирад. Аз як тараф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва мақомоти давлатӣ, ки иҷрои онҳоро таъмин мекунанд ва аз тарафи дигар, созишномаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва институтҳои марбут ба татбиқи он меъёрҳо, унсурҳои муҳимми низоми ҳифзи ҳуқуқ мебошанд.

Ташаккули танзими ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи инсон натиҷаи раванди таърихии рушди низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳо буда, эътирофи меъёрҳои умумибашарӣ ҳамчун арзиши баландтарини ҳуқуқӣ маҳсуб мегардад.

Ташаккули танзими ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи инсон натиҷаи раванди таърихии рушди низоми сиёсию ҳуқуқии давлатҳо ва эътирофи меъёрҳои умумибашарӣ ҳамчун арзиши олӣ мебошад. Дар чунин шароит, яке аз вазифаҳои калидии ҳар як давлат таъмини имконияти воқеии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ташкили механизми муассири ҳимоя аз таҷовуз ба ҳуқуқ ва кафолати барқарорсозии онҳо мебошад (с. 111).

**Дар боби сеюм** – масъалаи мақомоти судӣ – асоси кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифта, муаллиф таъкид мекунад, ки ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои асосии муроҷиат ба мақомоти давлатӣ дар қонунгузории кишвар мустаҳкам гардида, барои ҳар як шаҳрванд, новобаста аз тобеият ва мақоми ҳуқуқиаш, имконият фароҳам меорад, ки дар ҳолатҳои вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ, ба мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат намуда, ҳимояи онҳоро таъмин намояд (с. 129). Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ мафҳуми нисбатан фарогирро дарбар мегирад ва ҳуқуқи муроҷиат ба суд ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири он арзёбӣ мегардад. Дар доираи ин ҳуқуқ, на танҳо имкони пешниҳоди шикоят ё ариза ба суд мавҷуд аст, балки уҳдадории суд ҷиҳати қабули муроҷиат ва баррасии он низ шомил мешавад. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳар як арзу шикоят ҳатман мавриди баррасии суд қарор мегирад. Суд танҳо дар ҳолате муроҷиатро мавриди баррасӣ мегирад, ки аломатҳои возеҳи

вайроншавии ҳуқуқи шахс вуҷуд дошта бошад, шахс ниёз ба ҳимояи судӣ дошта бошад ва масъала қаблан баррасӣ нагардида бошад (с. 131).

Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳимояи судӣ танҳо ба ҳуқуқи мурочиат ба суд маҳдуд намешавад. Он инчунин, ҳуқуқи иштирок кардани шахс дар раванди ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ, ҳуқуқи дархости ҳимоя аз ҷониби суд ва ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқиро ҷиҳати татбиқи самараноки ин ҳуқуқҳо дарбар мегирад. Дар ин замина, ҳуқуқи ҳимояро метавон ҳамчун маҷмӯи салоҳиятҳо ва имкониятҳое маънидод кард, ки ба шахс шароит фароҳам меоранд, то ҳуқуқҳои поймолшудаи худро ҷустуҷӯ намуда, барои барқарорсозии онҳо иқдом намояд (с. 133).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Раҳимзода Сафар Орзу ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» таҳқиқоти анҷомёфта мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:** Дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончи:

1. Муаллиф дар нуктаи 1 илмии пешниҳодшаванда бештар ба таҳлили таърихӣ ва назариявӣ такя кардааст, аммо таҳлили амиқи қарорҳои Суди конститутсионӣ дар солҳои охир ва ҳисоботҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омори мурочиатҳои шаҳрвандон барои ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ кам дида мешавад. Ин ҳолат метавонад ҳамчун камбудии объективӣ баррасӣ шавад, зеро ҳимояи судӣ дар амалия аз назария фарқ дорад.

Муаллифи диссертатсияро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия ба ин масъала равшанӣ андозад.

2. Муаллиф дар диссертатсия ҳимояи судиро ҳамчун кафолати асосӣ тавсиф намудааст, аммо масъалаи мустақилияти судҳо кам баррасӣ шудааст. Ин ҳолатҳо дар таҳқиқот кофӣ таҳлил нашудаанд ва чӣ гуна

онҳо ба самаранокии ҳимояи судӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи алоҳида ворид карда шуда, ҳадафҳои умумии ҳокимияти судӣ дар шакли – «таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, адолат ва волоияти Конститутсия» муқаррар карда шавад. Чуное ки маълум аст дар қонунгузории амалкунанда мустақилияти ҳокимияти судӣ ба таври мушахас муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ, аз муаллифи рисола хоҳиш карда мешвад, ки тавсияи пешниҳод намударо ба таври возеҳ шарҳ диҳад.

3. Муаллиф дар пажуҳиши худ ҳимояи умумии ҳуқуқҳои шахсро баррасӣ мекунад, аммо ҳимояи судии ҳуқуқҳои занон, кӯдакон, маъюбон, муҳоҷирон, ақаллиятҳои миллӣ ва қурбониёни шиканҷаро кам баррасӣ кардааст. Мушкилоти дастрасии шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ ва ҳимояи ройгон ва тавсияҳо оид ба соддагардонии мурочиатҳо вучуд доранд. Баҳс метавонад ба он равона карда шавад, ки чаро ҳолатҳои инкор кардани мурочиатҳо барои гурӯҳҳои осебпазир кофӣ таҳлил нашудааст, инчунин маҳдудияти дастрасӣ ба адвокатҳо барои маҳбусон метавонад ҳамчун далели иловагӣ истифода шавад. Вобаста ба ин, аз муаллифи рисола хоҳиш карда мешвад, ки андешаи худро возеҳ бо далелҳо исбот намояд.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия:** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо дараҷаи баланди илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Тақризи муассиса дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғолиб Нурулло омода ва дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (протоколи №6 аз 12 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-
ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода У.К.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғ.Н.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-
ҳуқуқии факултети № 2 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимзода Д.Қ.

Имзоҳои Каримзода У.К., Қодирзода Ғ.Н.
ва Иброҳимзода Д.Қ-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«12» 01. 2026 с.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; тел: (+992 37) 226-60-42; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkd.tj@mail.ru.